**ТАҚРИЗ**

**БА РИСОЛАИ СУЛТОНЗОДА БЕҲЗОД СУЛТОНИ ДАР МАВЗӮИ "ЛАШКАРДОРИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР ЗАМОНИ ТОБЕИЯТИ ВАССАЛӢ БА РОССИЯИ ПОДШОҲИ (СОЛҲОИ 60-УМИ АСРИ XIX- ИБТИДОИ АСРИ XX)" БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАЧАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ТАЪРИХ АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 07.00.02 – ТАЪРИХИ ВАТАНӢ (таърихи халқи тоҷик)**

Аморати Бухорои аҳди мангитиён мусалламан дорои низоми хоси давлатӣ ва лашкар буд. Ин мавзӯъ дар асарҳое, ки ба баррасии таърихи ин замон ихтисос ёфтаанд, то ҳадде матраҳ шудааст. Аммо то кунун ба тарики маҷмӯӣ масъалаи лашкар, ҳаиати он, рисолати ин лашкар ва мудирияти он дар аморати Бухорои ин давр таҳқики ҳамаҷониба нашудааст. Бо дарназардошти ин зарурат дар ин диссертатсия масоили ташкили артиши муназзам дар аморати Бухоро, анъанаи лашкардорӣ ва навовариҳо дар мудирияти он, таъмини лашкар бо аслиҳаи ҷангӣ, идораи лашкари аморат, рутбаҳои ҳарбӣ ва уҳдадориҳои соҳибмансабони лашкари аморат дар замони тахти васояти Россия будани аморати Бухоро мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд, ки мубрам будани омӯзиши ин масъаларо равшан мекунанд.

Аморати Бухорои ин аҳд дар қиёс ба хонии Хива ва Хӯқанд то андозае кишвари дорои низоми собит буда, бо ҳамсоягон ва давлатҳои дури хориҷа муносибатҳои мухталифи дучониба дошт. Бо дарназардошти ин, дар ин замон дар умури лашкардории аморати Бухоро анъана ва навовариҳое мушоҳида мешаванд. Ин масъала ва дигар масоил, ки дар боло зикр шуд, боис гардид, ки дар ин диссертатсия таъсиси лашкар, умури лашкардорӣ ва таъминоти ҳарбии аморати Бухоро дар замони тобеияти сиёсӣ ба Россияи подшоҳӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҳолат, идора ва анъанаҳои лашкардорӣ таҳлил карда шаванд.

Масъалаи унвон, дараҷаҳои ҳарбӣ ва уҳдадориҳои соҳибони он, таъмини моддии сарбозон тибқи анъана ва навовариҳо, ҳаёти моддӣ-маишии онҳо низ омӯзиши хоса ва умдаеро талаб мекунад. Доир ба ин масъала муаллиф бозҷусти илмӣ бурда, ба ҳалли бархе масъалаҳои лашкар ва таъмини моддии он дар аморати Бухоро алоҳида таваҷҷуҳ намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст мавзӯи илмии мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври умумӣ ва ҳарҷониба баррасӣ ва таҳқиқ мешавад. Навоварии таҳқиқот мушаххастар ба тарики зайл нишон дода шудааст:

1.Дар иртибот бо омӯзиши ин мавзӯъ доир ба афкори ҳарбӣ ва низомии халқи тоҷик дар замони мавҷудияти аморати Бухоро, идора ва сохтори он, унвон ва амалҳои ҳарбӣ фикр ва мулоҳизаҳо баён шудаанд.

2.Мақом ва иштироки мардуми тоҷикзабон дар воқеаҳои сиёсии давр, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат, ҳаёти фарҳангии кишвар нишон дода шудааст.

3.Дар диссертатсия бо истифода аз маълумоти маъхазҳои хаттӣ, бойгонӣ, ахбори мухталифи таҳқиқот ва асарҳои муаллифони гуногун ба таври васеъ

… омӯхта шудааст.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия асоснок карда шуда, сатҳи таҳқиқи он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, мавзӯъ, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, инчунин тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия **"Вазъи сиёсӣ ва ҳарбии аморати Бухоро дар давраи истило ва тобеи Россия гардидани он"** ном дошта фарогири ду фасл мебошад. Дар он муносибатҳои сиёсӣ ва ҳарбии аморати Бухоро бо Россия таҳлил карда шуда, задухӯрдҳои ҳарбӣ миёни аморати Бухоро ва Россияи подшоҳӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Боби дуюми диссертатсия "Ташкили қӯшун ва хидмати ҳарбӣ дар аморат: ҳолат ва идораи он"** ном дошта дар зербоби аввали он ташкили артиши муназзам ва таъминоти он дар аморати Бухоро мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Дар зербоби дуввуми боби дуюм **масъалаи анъана ва навовариҳо дар таъминоти асбобу аслиҳаи ҷангии лашкари аморат** мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия **"Унвон, дараҷаҳои ҳарбӣ ва таъмини моддии сарбозон"** ном дошта, дар зербоби аввали он **"Идораи лашкари аморат: вазифа, унвонҳо дараҷаи ҳарбӣ ва ӯҳдадориҳои соҳибони он"** дар аморати Бухоро дар давраи мавриди таҳқиқ таҳлил карда мешавад.

Дар зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия **"Қоидаҳои низоми ҳарбӣ ва таъминоти моддии лашкари аморат дар замони тобеияти вассалӣ"** вазъи ҳарбӣ ва модии лашкари аморат дар замони мавриди таҳқиқ баррасӣ шудааст.

Дар хулоса муаллиф натиҷаҳои тадқиқотро ҷамъбаст намуда, мулоҳиза ва таклифҳои худро барои минбаъда баррасии мавзуъ ба маърази муҳокима мегузорад.

Муаллиф ин сатрҳо, ки муҳаррири яке аз монографияи унвонҷӯй дар мавзӯи маврида ҳимоя қароргирифта мебошад, бар он ақида аст, ки рисолаи номзадӣ, мақолаҳои илмӣ ва автореферати ӯ ба тамоми талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавбогӯй буда, муаллифи диссертатсия ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ мебошад.

**Воҳидов Шодмон Ҳусейнович,**
**доктори улуми таърих, профессор.**
**Ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия**
**дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон**
**дар шаҳри Панҷакент.**
**+992 937 937 123.**

ИМЗОИ Воҳидов Ш.Ҳ.-РО
ТАСДИҚ МЕКУНАМ.
«09» 01 СОЛИ 2023
МУДИРИ ШУЪБАИ КАДРҲО